# ҚАРОРИ

## шурои диссертатсионии 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз 26 июни соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Сафарзода Зайнудин дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар - Институти илмӣ тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Ҷумҳурии Қирғизистон, суханронии тақризи муқарризи расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Рӯзибоев Нураддин Раҳимович, мудири шуъбаи Оҳангарони Институти илмӣ – тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарвариии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муқаризи расмӣ – номзади илмҳои кишоварзӣ Ҷурабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег - декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, муқаризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ профессор, Рӯзиев Тӯйчӣ Бадалович; доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҷабов Наҷбудин Амиралиевич; номзади илмҳои кишоварзӣ, Икромӣ Фазлиддин; доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҳимов Шарофҷон Тоировичро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Сафарзода Зайнудин

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Сафарзода Зайнудин дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба Сафарзода Зайнудин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 9 нафар, Муқобил –нест. Бетараф –нест.

Қарори якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Раҳимов Шарофҷон Тоирович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ — Шералиев Фируз Ҷалолович

26-уми июни соли 2026